# 146212 - Агар зани ҳайзшуда рӯзаи Ошуроро аз даст бидиҳад, оё метавонад қазои онро баъдтар анҷом бидиҳад?

## савол

Агар зан дар рӯзҳои нӯҳум, даҳум ва ёздаҳуми моҳи Муҳаррам ҳайз бошад, оё барояш ҷоиз аст, ки қазои он рӯзҳоро пас аз ғусл анҷом бидиҳад?

## Ҷавоби муфассал

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Агар касе рӯзаи Ошуроро аз даст бидиҳад, қазои онро анҷом намедиҳад, зеро ин чиз собит нашудааст ва инчунин он аҷру савоб ба рӯзаи рӯзи даҳуми моҳи Муҳаррам алоқаманд аст ва вақти он гузаштааст.

Аз Шайх Ибни Усаймин (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) пурсиданд: Агар рӯзи Ошуро ояд ва зан дар он вақт ҳайз бошад, оё метавонад қазои он рӯзаро анҷом бидиҳад? Оё ягон қоидае оиди ибодатҳои нафлие, ки қазо доранд ва ибодатҳои нафлие, ки қазо надоранд, вуҷуд дорад? Аллоҳ бароятон подоши некӯ бидиҳад.

Чунин ҷавоб дод: "Ибодатҳои нафлӣ ду навъ мебошанд: Навъе сабаб дорад ва навъи дигаре сабаб надорад. Ибодати нафлие, ки сабаб дорад, пас аз фавт шудани сабаб фавт мешавад ва қазо надорад. Мисоли он таҳияи масҷид мебошад. Агар мард (ба масҷид) омада нишинад ва муддати дарозе нишинад, сипас бихоҳад, ки таҳияи масҷид бихонад, ин намоз таҳияи масҷид ҳисобида намешавад, зеро ин намоз сабаб дорад ва ба сабабе вобаста аст, пас ҳар гоҳ он сабаб фавт шавад, машрӯъияти ин намоз ҳам фавт мешавад. Он тавре ки ба назар мерасад, рӯзи Арафа ва рӯзи Ошуро низ мисли он аст. Аз ин рӯ, агар инсон рӯзаи рӯзи Арафа ва рӯзи Ошуроро бе узр ба таъхир андозад, бидуни шак, қазои онро анҷом намедиҳад ва агар қазои онро ба ҷо ҳам оварад, ба ӯ манфиат намеоварад, яъне ҳамчун рӯзаи рӯзи Арафа ва ё рӯзаи рӯзи Ошуро ҳисобида намешавад.

Аммо агар ин рӯзҳо дар ҳоле фаро расад, ки инсон узре дошта бошад, ба монанди зани ҳайзшуда, зани нифосшуда ва ё бемор, ба назар мерасад, ки дар ин ҳолат ҳам қазои онро анҷом намедиҳад, зеро он ба як рӯзи муайян тахсис дода шудааст, ки пас аз фавт шудани он рӯз ҳукми он ҳам фавт мешавад". Поёни сухан аз китоби "Маҷмӯу фатово"-и Ибни Усаймин (20/43).

Аммо агар касе барои рӯза надоштан узр дошта бошад, – ба монанди зани ҳайзшуда, зани нифосшуда, бемор ва мусофир – ки одатан дар он рӯз рӯза мегирифт ва ё ният дошт, ки дар он рӯз рӯза бигирад, он гоҳ барои ӯ бар асоси нияташ аҷру савоб дода мешавад, зеро Бухорӣ (2996) аз Абумусо (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) ривоят кардааст, ки мегӯяд: Расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: **«Агар банда бемор шавад ва ё сафар бикунад, барояш монанди аҷру савоби корҳое, ки дар ҳоли муқимию солимӣ анҷом медод, сабт хоҳад шуд».**

Ибни Ҳаҷар (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) гуфтааст: **«Барояш монанди аҷру савоби корҳое, ки дар ҳоли муқимию солимӣ анҷом медод, сабт хоҳад шуд».** Ин барои касест, ки ибодатеро анҷом медод, аммо бо монеъе рӯбарӯ шуд, дар ҳоле ки нияташ ин буд, ки агар он монеъ намебуд, он ибодатро идома медод. Поёни сухан.

"Фатҳу-л-борӣ".

Аллоҳ донотар аст.